## Шарҳи моҳонаи таваррум • Июли 2020

**Сатҳи таваррум бо назардошти тайи се моҳи охир раванди коҳишёбӣ доштан, дар моҳи июли соли ҷорӣ дар сатҳи  муътадил қарор гирифта, ба 0,3 фоиз баробар гардид, ки нишондоди мазкур нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,6 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи молҳои ғайрихӯроквории 1,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 1,9 фоиз (0,3 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ пастравии нархи маҳсулотҳои хӯроквори ба қайд гирифта шуд, ки -0,9 фоиз (-0,5 б.ф.)-ро ташкил дод.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи июли соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ 14,7 фоиз (бахусус гази моеъ 33,8 фоиз, ки воридоти он ба кишвар асосан аз кишвари шарики савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад) ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур бештар дар натиҷаи гузаронидани корҳои профилактикӣ муваққатан аз фаъолият боз мондани баъзе аз ширкатҳои истеҳсолкунандаи ин намуди сӯзишворӣ дар кишвари шарики савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст.

Илова бар ин, зиёд гардидани талаботи дохилии кишвари содиркунандаи гази моеъ низ бинобар омилҳои мавсимии ҷамъоварии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ таъсири худро ба болоравии нархи ин намуди сӯзишворӣ гузошт.

Болоравии нархҳои доруворӣ 1,5 фоиз ва маводи шустушӯй 1,7 фоиз вобаста ба зиёд шудани талабот дар натиҷаи паҳншавии бемории коронавирус (COVID-19) ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи июли соли ҷорӣ ба андозаи 1,9 фоиз боло рафт. Раванди мазкур ба андозаи 7,2 фоиз дар маҷмӯъ болоравии хизматрасониҳои барқ, газ ва дигар намуди сӯзишворӣ алоқаманд мебошад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар арзоншавии нархи маҳсулотҳои серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 2,9 фоиз, гӯшти гов 0,4 фоиз, шакар 2,0 фоиз, картошка 4,5 фоиз, пиёз 6,5 фоиз, помидор 14,7 фоиз, нок 4,4 фоиз ва ангур 24,6 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензин АИ-92 ва гази моеъ, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Раванди мазкур асосан дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди баъзе аз гурӯҳи маҳсулоти хӯроквори дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони мавсими баҳорӣ ва тобистона, ки ба муътадилии сатҳи талаботу таклифот замина гузошт, ба амал омад.

Тибқи маълумоти омори кишоварзӣ дар ҳафт моҳи соли равон дар ҷумҳурӣ беш аз 773,1 ҳазор тонна гандум ва 1,3 млн. тонна сабзавот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 3,9 фоиз ва 13,0 зиёд мебошанд.

**Ҳамин тариқ, таваррумӣ солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи июли соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 7,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ ва ҳамин давраи соли гузашта 0,7 б.ф. кам мебошад.**

Дар давоми моҳҳои март-июни соли равон аз доираи ҳадафи муқарраршуда (6% ±2 б.ф.) баромадани сатҳи таваррум асосан ба омилҳои таклифотии авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) вобаста буд, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯроквори, маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ, паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ, инчунин таъсири омилҳои мавсимӣ замина гузошт.

Бинобар таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) ба коҳишёбии сатҳи талаботи маҷмӯӣ, нисбатан муътадил гардидани интизориҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва дар ҷумҳурӣ, инчунин ҷиҳати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти кишвар тибқи қарори Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон (аз 27 июли соли 2020, №21) меъёри бозтамвил 1,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 10,75 фоизи солона аз 3 августи соли 2020 муқаррар карда шуд.

Сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,6 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ, аз қабили либос ва пойафзол, маводи шустушӯй ва доруворӣ саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифодаи босамари воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумӣ аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | 2020 | | | | | | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **9,3** | **10,6** | **10,0** | **8,4** | **7,7** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯроквории ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **13,5** | **17,3** | **16,5** | **12,4** | **9,7** | **-1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | 13,5 | 23,1 | 29,4 | 25,3 | 23,9 | -1,1 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | 4,0 | 3,1 | 1,2 | -0,5 | 0,6 | 2,8 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | 17,3 | 33,7 | 43,8 | 36,7 | 33,1 | -2,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 20,6 | 18,4 | 16,2 | 12,3 | 9,2 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 25,2 | 22,3 | 18,9 | 14,0 | 9,8 | -0,4 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -5,1 | 14,7 | 14,8 | -0,1 | 12,8 | 0,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 6,7 | 5,3 | 8,8 | 8,1 | 7,6 | -0,8 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 11,0 | 5,8 | 14,0 | 13,0 | 12,8 | -0,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | 0,5 | 4,6 | 5,5 | 6,4 | 5,9 | 0,0 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 12,1 | 18,5 | 24,1 | 18,6 | 9,9 | -5,3 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 29,9 | 28,1 | 10,8 | 3,0 | -3,2 | -1,1 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | -0,2 | 3,6 | 3,7 | -2,0 | -3,9 | -2,0 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | -0,8 | -5,3 | -3,0 | -0,2 | -0,3 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **1,7** | **1,7** | **2,9** | **2,8** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **1,9** | **0,4** | **0,2** | **3,2** | **3,4** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯроквори** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **5,0** | **4,0** | **3,4** | **3,9** | **5,3** | **1,7** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 4,2 | 3,8 | 3,5 | 3,8 | 3,7 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 5,5 | 5,7 | 6,7 | 6,5 | 7,6 | 1,0 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 2,9 | 2,7 | 3,9 | 5,0 | 6,4 | 1,7 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | 16,5 | 15,6 | 10,1 | 11,9 | 13,7 | 1,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | 4,2 | -7,0 | -18,4 | -16,5 | -3,1 | 14,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | -2,1 | -3,4 | -3,8 | -2,7 | 4,4 | 7,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,7 | 0,4 | 2,4 | 2,7 | 2,4 | 0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 2,9 | 3,3 | 5,7 | 8,4 | 9,1 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **3,5** | **5,0** | **6,6** | **1,9** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | 11,0 | 8,6 | 5,6 | 7,5 | 14,6 | 5,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,7 | 0,4 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 1,1 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | 5,9 | -5,6 | -20,0 | -9,3 | 26,8 | 32,7 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | -1,4 | -1,7 | 0,8 | 0,9 | 1,5 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 16,0 | 16,0 | 1,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 4,4 | 4,3 | 3,7 | 3,1 | 2,6 | 0,5 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо